**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№11**

**аз 29 майи соли 2003** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъин намудани ҷазоҳои иловагӣ**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010, №20 ва аз 18 ноябри соли 2013, №13 ворид карда шудаанд)***

Таҷрибаи судии аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидани ҷазоҳои иловагиро омӯхта, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамояд, ки судҳои ҷумҳурӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъини ҷазо масъалаи нисбати гунаҳгорон дар баробари ҷазои асосӣ таъин намудани ҷазои иловагиро асосан дуруст ҳал менамоянд. Дар баробари ин, дар фаъолияти баъзе аз судҳо ҳолатҳои вайрон намудани талаботи қонуне, ки шартҳо ва тартиби таъини ҷазои иловагиро муқаррар менамояд, ҷой доранд.

Баъзан судҳо бе мавҷудияти шартҳои дар моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қайдгардида ҷазои иловагиро ба шахсони маҳкумгардида бо моддаҳои қонуни ҷиноӣ, ки татбиқи ҳатмии чунин ҷазоро пешбинӣ мекунанд, таъин наменамоянд. Масъалаи таъини ҷазое, ки дар санксияи модда ҳамчун чораи иловагии эҳтимолӣ нишон дода шудааст, на ҳамеша ҳаллу фасл мегардад. На дар ҳар маврид, вақте ки ҷинояти содиршуда ба иҷрои вазифаи хизматӣ ё машғул шудан ба фаъолияти муайян вобастагӣ дорад, судҳо масъалаи аз ҳуқуқи ишғол намудани мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳрум кардани шахси гунаҳгорро муҳокима намуда, мӯҳлати ин ҷазои таиъншударо қайд намекунанд, ҳангоми маънидодкунии он ба хатогиҳо роҳ медиҳанд, аз ҷумла, судшавандаро аз ҳуқуқи дар ин ё он соҳаи хоҷагии халқ фаъолият намудан маҳрум карда, доираи вазифаҳоеро, ки ӯ ишғол намудани онҳоро ҳуқуқ надорад, муайян намекунанд.

Баъзан бархилофи қоидаҳои моддаи 71 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо, ҷазои иловагӣ дар намуди мусодираи молу мулк таъин карда мешавад.

Ба шахсоне, ки дар содир намудани якчанд ҷиноятҳо гунаҳгор дониста шудаанд, баъзан ҷазои иловагӣ танҳо бо маҷмӯи ҷиноятҳо таъин карда мешавад. Дар як қатор ҳолатҳо бархилофи талаботи моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷазое, ки бо ҳукми нав таъин гардидааст, ҷазои иловагии адонагардидаи (ё қисми он) ба ҳукми пештара таъиншуда пурра ё қисман зам карда намешавад.

Судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ қонунӣ ва асоснок будани ҷазоҳои иловагии таъиншударо на ҳамеша санҷида мебароянд, барои бартараф намудани хатогиҳои аз ҷониби судҳо роҳ додашуда чораҳои зарурӣ намеандешанд.

Бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва таъмини риояи қатъии талаботи қонуне, ки шартҳою тартиби таъин намудани ҷазои иловагиро пешбинӣ менамояд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Судҳо бояд диққати худро ба масъалаҳои татбиқи ҷазои иловагӣ ҷиддӣ намуда, дар назар дошта бошанд, ки мувофиқгардонии дурустии ҷазои асосӣ ва иловагӣ ба амалисозии мураттаби принсипи фардикунонии он, комёб шудан ба ҳадафи барқарорсозии адолати

иҷтимоӣ, нисбатан бомуваффақият ноил гардидан ба мақсади ислоҳи маҳкумон ва пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав чӣ аз ҷониби маҳкумон ва чӣ аз ҷониби дигар шахсон мусоидат менамояд.

Ҳангоми интихоби намуд ва андозаи ҷазои иловагӣ барои шахсони гунаҳгор, судҳо бояд асосҳои умумии таъини ҷазоро, ки бо моддаи 60 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, шартҳою тартиби татбиқи ин чораҳои бо қонун пешбинишударо қатъиян риоя намоянд.

2. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҷазои иловагии мусодираи молу мулк танҳо дар мавридҳои пешбининамудаи моддаи 57 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад.

Суд ҳуқуқ дорад ҷазоҳои дигареро, ки бо қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанду онҳоро ба сифати иловагӣ татбиқ намудан мумкин аст, дар он ҳолатҳое, ки чунин чора дар санксияи қонун қайд нагардида бошад ё худ дар он ҳамчун яке аз чораҳои асосии ҷазо нишон дода шуда бошад, низ таъин намояд.

Дар баробари ин, қарор дар бораи таъини ҷазои иловагӣ бояд дар қисми хулосавии ҳукм ишора ба моддаи Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (масалан, моддаи 49 ё 50 КҶ), ки шартҳою тартиби татбиқ намудани намудҳои ҷазои иловагиро пешбинӣ менамояд, дошта бошад.

3. Агар қонуне, ки бо он гунаҳгор маҳкум карда мешавад таъини ҳатмии ҷазои иловагиро пешбинӣ намояд, татбиқ накардани он танҳо бо мавҷудияти шартҳои дар моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бо ҳатман дар ҳукм нишон додани асосҳои чунин сабуккунӣ ва ишора ба моддаи қонуни ҷиноии зикргардида, ҷой дошта метавонад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки таъини ҷазои асосӣ камтар аз ҳадди поёнӣ, ки барои ҷинояти мазкур бо қонун пешбинӣ шудааст ё гузаштан ба ҷазои дигари асосии нисбатан сабуктар, имконияти ба гунаҳгор таъин намудани ҷазои иловагиро истисно намекунад.

4. Дар ҳолатҳое, ки санксияи моддаи қонуни ҷиноятӣ имконияти татбиқ кардан ё накардани ҷазои иловагиро пешбинӣ менамояд, судҳо вазифадоранд, ки масъалаи мазкурро муҳокима намоянд ва дар ҳукм асосҳои қарори қабулшударо қайд намоянд.

5. Судҳо бояд талаботи қонун дар бораи дар ҳукм қайд намудани мӯҳлати таъини ҷазои иловагӣ дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайянро бе чуну чаро риоя намоянд.

Ҷазоҳои иловагӣ дар доираи моддаҳои муқарраргардидаи қонуни ҷиноятие, ки бо он судшаванда гунаҳгор эътироф шудааст, таъин карда мешаванд.

6. Мутобиқи моддаи 50 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар ҳолати аз тарафи шахс содир шудани ҷинояти марбут ба иҷрои вазифаҳо аз рӯи мансаб ё машғул будан бо фаъолияти муайян, суд вазифадор аст, ки характери ҷинояти содиршударо ба назар гирифта, масъалаи маҳрум кардани судшаванда аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайянро муҳокима намояд. Ҳангоми таъин намудани ин намуди ҷазо дар қисми хулосавии ҳукм бояд вазифа ё намуди фаъолияте, ки ишғол намудани он ё машғул шудан ба он манъ карда мешавад, ба таври мушаххас нишон дода шавад. Аз ҷумла, судшавандаро аз ҳуқуқи фаъолият намудан дар ин ё он соҳаи хоҷагии халқ маҳрум кардан бе муайян намудани доираи вазифаҳое, ки ӯ ишғол намудани онро ҳуқуқ надорад, мумкин нест.

Ҳолате, ки судшаванда то лаҳзаи баровардани ҳукм аллакай вазифаеро ишғол намекард ё ба фаъолияте машғул набуд, ки содиршавии ҷиноят ба онҳо вобастагӣ дошт, барои татбиқи ҷазои иловагии зикргардида монеъ шуда наметавонад.

7. Ҳангоми таъини ҷазои иловагӣ дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи идора намудани воситаҳои нақлиёт бо парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт, дар мавриди ҷой доштани асосҳо ва бо назардошти ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо судҳоро лозим аст, ки масъалаи татбиқ кардан ё накардани ин намуди ҷазои иловагиро муҳокима намоянд.

Ҳангоми бо моддаҳои 211, 212, 213 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум намудан, суд метавонад ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба

фаъолияти муайянро ба сифати ҷазои иловагӣ новобаста аз он, ки шахс аллакай пеш аз ин ба тариқи ҷазои маъмурӣ аз чунин ҳуқуқ маҳрум карда шудааст, таъин намояд.

8. Бояд дар назар дошт, ки андозаи камтарини бо моддаи 49 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаи ҷарима характери ҳатмӣ дорад ва судҳо ҳуқуқ надоранд ҳатто дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноии дар моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ба маҳкумшудагони дар синни болиғӣ ҷиноят содирнамуда, андозаи нисбатан пасттари ҷаримаро таъин намоянд.

Ҳангоми таъин намудани ҷазо дар намуди ҷарима (ҳамчун асосӣ ва ҳамчун иловагӣ) ба судҳо лозим аст, ки дар ҳукм ба ғайр аз андозаи маоши ҳадди ақал андозаи ҷаримаро бо ифодаи пулӣ низ нишон диҳанд.

9. Мутобиқи қисми 4 моддаи 71 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати шартан татбиқ накардани ҷазо дар баробари ҷазои асосӣ мумкин аст ҷазоҳои иловагӣ, ба истиснои мусодираи молу мулк, таъин карда шаванд. Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки ҷазоҳои иловагӣ мустақилона иҷро карда мешаванд. Бинобар ҳамин дар қисми хулосавии ҳукм бояд нишон дода шавад, ки тибқи моддаи 71 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҷазои асосӣ шартан дониста мешавад.

10. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи моддаи 51 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои иловагӣ дар намуди маҳрум кардан аз рутбаи махсуси ҳарбӣ ё рутбаи дараҷавӣ ва мукофотҳои давлатӣ бо назардошти шахсияти гунаҳгор ва танҳо дар ҳолати содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин татбиқ карда мешавад.

11. Ба шахсе, ки дар содир намудани якчанд ҷиноятҳои бо моддаҳои гуногун ё қисмҳои гуногуни худи ҳамон як моддаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинишуда гунаҳгор эътироф шудааст, ҷазои иловагӣ мисли ҷазои асосӣ бояд аввал барои ҳар як ҷиноят дар алоҳидагӣ, сипас барои маҷмӯи онҳо таъин карда шавад.

Агар ҷазои иловагии худи ҳамон як намуд барои ду ва зиёда аз ҷиноятҳои ба маҷмӯъ дохилшуда таъин шуда бошад, андозаи ниҳоии он бо роҳи андозаи камтари онро дар бар гирифтани андозаи вазнинтар (дар ҳолате, ки яке аз ҷиноятҳои ба маҷмӯъ дохилшаванда ба категорияҳои начандон вазнин мансуб бошад), ё бо роҳи пурра ё қисман зам кардани онҳо дар доираи муқаррарнамудаи моддае, ки мӯҳлати нисбатан дарозтари ҷазои иловагиро пешбинӣ менамояд, муайян карда мешавад, вале дар ҳолатҳое, ки агар чунин ҳудуд дар моддаи қонуни ҷиноятӣ муқаррар карда нашуда бошад, ё ин ки ҷазои иловагӣ дар асоси меъёрҳои Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ татбиқ шуда бошад, он гоҳ дар ҳудуди мӯҳлати ё андозаи аксаре, ки барои намуди ҷазои мазкур муқаррар шудааст, таъин карда мешавад.

12. Дар ҳолатҳои бо моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ба ҷазои ниҳоии аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо таъиншуда бояд он ҷазои иловагие (ё қисми адонагардидаи он), ки бо ҳукми пештара таъин карда шуда буд, пурра ё қисман ҳамроҳ карда шавад.

Ҳангоми зам намудани ҷазоҳои иловагии худи ҳамон як намуд, мӯҳлати умумӣ набояд аз мӯҳлати аксаре, ки қонун барои чунин намуди ҷазо муқаррар кардааст, зиёд бошад.

13. Ба судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ (назоратӣ) лозим аст, ки риоя намудани шартҳои таъини ҷазои иловагиро аз ҷониби судҳо ба таври ҷиддӣ бисанҷанд, сари вақт хатогиҳо ва қонуншиканиҳоро ошкор ва бартараф намуда, барои пешгирии онҳо чораҳо андешанд.

14. Татбиқ накардани ҷазои иловагӣ ҳангоми мавҷуд набудани шартҳои бо моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, вақте ки татбиқи он аз рӯи қонун ҳатмӣ мебошад, дар ҳукм мавҷуд набудани ишора ба мӯҳлате, ки ҷазои иловагӣ дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян таъин шудааст, таъин намудани ҷазои иловагӣ танҳо бо маҷмӯи ҷиноятҳо, инчунин ҳамроҳ накардани ҷазои иловагии адонагардида ( ё қисми он) ба ҷазои барои ҷинояти нав таъиншуда бояд ҳамчун нодуруст татбиқ намудани қонуни ҷиноятӣ, ки мутобиқи сархати 4 моддаи 372 ва сархати 1 моддаи 376 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бекор кардани ҳукм асос шуда метавонад, ҳисобида шавад.

Бекоршавии ҳукм, инчунин ҳалу фасли масъалаҳои марбут бо таъин ё ҳамроҳ кардани ҷазои иловагӣ ҳангоми аз нав баррасӣ намудани парванда аз ҷониби суди марҳилаи аввал, бояд бо риояи шартҳои дар моддаҳои 416, 378 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда амалӣ

гарданд.

Суди марҳилаи кассатсионӣ (назоратӣ) ҳуқуқ надорад, ки ҷазои иловагиро таъин намояд, агар он бо ҳукм таъин карда нашуда бошад, аз он ҷумла ҳангоми тағйир додани банду басти ҷиноят ба моддае, ки ҳатмӣ будани таъин намудани онро пешбинӣ менамояд.

15. Дар ҳолате, ки аз ҷониби суд ҳангоми таъин намудани ҷазои иловагӣ дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян мансабҳо ё намуди фаъолият аниқ муайян накарда шуда бошанд, суди марҳилаи кассатсионӣ (назоратӣ) ҳуқуқ дорад ба ҳукм ислоҳоти муносибро ворид намояд, агар он ҳолати маҳкумро вазнин насозад. Чунин ислоҳотҳоро ҳуқуқ дорад суде, ки ҳукм баровардааст ба тариқи дар моддаи 400 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ворид намояд.

16. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки ҳангоми гузаронидани ҷамъбасти таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ, манфиатҳои хизмати давлатӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт масъалаҳои татбиқи ҷазои иловагӣ ва иҷроиши талаботи қонун оиди шартҳою тартиби таъини онҳоро амиқтар таҳлил намоянд.

17. Бинобар қабул шудани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани чораҳои иловагии ҷазо» аз 18 июли соли 1972, № 2 бо тағйиротҳое, ки бо Қарори Пленум аз 30 июли соли 1982, № 7 ворид карда шудааст, бе эътибор дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н.Азизов**